85534 - Гӯшти харҳои ваҳшӣ (гӯрхар, зебра) раво аст ва гӯшти харҳои хонагӣ ҳаром аст

савол

Оё хӯрдани гӯшти хар ҷоиз аст?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Хӯрдани гӯшти хари ваҳшӣ (гӯрхар, зебра) ҷоиз аст ва хӯрдани гӯшти хари хонагӣ ҳаром мебошад. Далели раво будани аввалин (яъне хари ваҳшӣ) ҳадисест, ки онро Бухорӣ (5492) ва Муслим (1196) аз Абуқатода (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки ӯ гӯрхареро шикор карда, порае аз гӯшти онро назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) овард. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз он хӯрд ва ба ёронаш гуфт: **«Ин ҳалол аст, бихӯред».**

Аммо гӯшти харҳои хонагӣ дар аввали Ислом мубоҳ буд. Сипас паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) онро дар рӯзи Хайбар ҳаром гардонид.

Бухорӣ (5520) аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфт: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хӯрдани гӯшти харҳоро дар рӯзи Хайбар манъ кард ва ба хӯрдани гӯшти асп иҷозат дод.

Бухорӣ (5527) ва Муслим (1936) аз Абусаълаба (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хӯрдани гӯшти харҳои хонагиро ҳаром гардонид.

Ибни Қудома (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

"Аксари донишмандон харҳои хонагиро ҳаром медонанд. Аҳмад мегӯяд: Понздаҳ нафар аз саҳобагони паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) онро макруҳ (ҳаром) донистаанд. Ибни

Абдулбарр гуфт: Имрӯзҳо дар байни донишмандони мусулмон оиди ҳаром будани харҳои хонагӣ ихтилофе вуҷуд надорад". Поёни сухан аз китоби "Ал-Муғнӣ" (9/324).

Аллоҳ донотар аст.